# аз 28.10.2022, №562

Дар бораи тартиби дар шакли электронӣ ба
ҳисоб гирифтани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ
ва шакли ариза оид ба бекоркунии баҳисобгирии
воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои
андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ

Бо мақсади татбиқи муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.07.2022, №360 "Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан" ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 тибқи банди 57 Қоидаҳои мазкур, моддаи 167 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 3 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №456 тасдиқ карда шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби ба ҳисоб гирифтани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ дар шакли электронӣ ва шакли ариза оид ба бекоркунии баҳисобгирии воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Ба ҳисоб гирифтани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ва таъмин намудани он бо рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ аз санаи 1 ноябри соли 2022 тавассути модулҳои хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» ва «Бақайдгирии воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ» дар шакли электронӣ ба роҳ монда шавад.

3. Сарраёсатҳои баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо, назорати андоз, маъмурикунонии андоз, раёсатҳои бақайдгирии андозсупорандагон, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва технологияҳои иттилоотӣ, Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ҷиҳати амалисозии муқаррароти фармоиши мазкур чораҷӯӣ намоянд.

4. Мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади иҷрои қонунгузории андоз, таъмини воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет фаъолияти воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандиро таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд.

5. Раёсати технологияҳои иттилоотӣ ва Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз” назорати пешбурди модулҳои хизматрасонии “Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда” ва “Бақайдгирии воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ” амалӣ намоянд.

6. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба сарраёсатҳо, раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А. М. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замимаи 1
ба фармоиши раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» октябри соли 2022, №562
тасдиқ шудааст

Тартиби ба ҳисоб гирифтани воҳиди алоҳидаи
шахси ҳуқуқӣ дар шакли электронӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби ба ҳисоб гирифтани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ дар шакли электронӣ (минбаъд - Тартиб) коидаҳои ташкилию техникӣ ва иттилоотии воҳиди алоҳидаи шахсони ҳуқуқиро муайян менамояд.

2. Дар сурати мавҷуд будани воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ ба шахсони зикргардида инчунин рамзҳои сабабҳои баҳисоб гузоштан муқаррар карда мешаванд.

3. Рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ рамзи махсуси баҳисобгирӣ мебошад, ки он аз ҷониби мақомоти андоз ҳангоми мавҷуд будани воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандии шахсони зикргардида бо мақсади таъмини назорат, ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дода мешавад.

4. Ба ҳисоб гирифтани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ва таъмин намудани он бо рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ тавассути модулҳои хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» ва «Бақайдгирии воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ» дар шакли электронӣ амалӣ карда мешавад.

5. Модулҳои хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» ва «Бақайдгирии воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ» 24 соат дар як шабонарӯз, 7 рӯз дар як ҳафта фаъол мебошад.

6. Фаъолнокии модулҳои хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» ва «Бақайдгирии воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ» ҳангоми ба миён омадани корҳои техникӣ дар модулҳои мазкур боздошт карда мешавад.

7. Модулҳои хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» ва «Бақайдгирии воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ташкил карда шуда, аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

- аризадиҳанда;
- маълумот оид ба шахси ҳуқуқӣ ариза дар бораи баҳисобгирӣ (қайди андозӣ)-и воҳиди алоҳидаи андозсупоранда (ба истиснои филиал ва намояндагӣ);
- забонхат;
- идоракунӣ.

## 2. УСЛУБИ БАҲИСОБГИРИИ ВОҲИДИ АЛОҲИДАИ ШАХСИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАЪМИН НАМУДАНИ ОН БО РАМЗИ САБАБҲОИ БАҲИСОБГИРӢ

8. Ҳангоми фаъолият тавассути воҳиди алоҳида (ба истиснои филиал ва намояндагиҳо) ариза дар бораи ба ҳисоб гузоштани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавӣ (суроға)-и он дар муддати 5 рӯзи тақвимӣ баъди таъсиси чунин воҳиди алоҳида тавассути модули хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Аризадиҳанда барои ба ҳисоб гирифтани воҳиди алоҳидаи худ ва таъмини он бо рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ вобаста ба намуди фаъолият ҳуҷҷатҳои зеринро тавассути модули хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» дар шакли электронӣ пешниҳод менамояд:

- нусхаи қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар бораи таъсис додани воҳиди алоҳида;
- нусхаи шиносномаи аризадиҳанда;
- нусхаи шартномаи иҷораи объекти ғайриманқул ва (ё) замин;
- шиносномаи техникӣ оид ба бақайдгирии объектҳои ғайриманқул ва (ё) воситаҳои нақлиёт;
- нусхаи қарори дахлдори раиси шаҳр ва (ё) ноҳия оид ба вобаста гардидани қитъаҳои замин ё дигар ҳуҷҷати ба қитъаи замин алоқаманд;
- нусхаи иҷозатномаи (иҷозати) дахлдор оид ба анҷом додани фаъолияти иҷозатномадор (иҷозатдор);
- нусхаи шартномаи иҷрои корҳои сохтмонӣ, шартномаи тендерӣ, қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳо бо нишон додани шумораи коргарони дар воҳиди алоҳида фаъолияткунанда.

9. Шахсони ҳуқуқии ба фаъолияти хариду фурӯши молҳо, доруворӣ ва маҳсулоти сӯзишворӣ машғулбуда барои ба ҳисоб гирифтани воҳиди алоҳидаи худ ва таъмин намудани он бо рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ бо дар назар доштани ҳуҷҷатҳои дар банди 8 Тартиб пешбинишуда инчунин ҳуҷҷатҳои зеринро тавассути модули хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд:

- соҳибмулкӣ оид ба объектҳои ғайриманкул дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳое, ки дар онҳо воҳидҳои алоҳида таъсис дода шудаанд;

- шумораи коргари кироя на кам аз 2 нафар. Дар ҳолати зиёд будани коргари кироя дар эъломияи шумораи воқеии онҳо ба инобат гирифта мешавад.

- тибқи муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, №82 пайваст будани НФС ба модули барномаи дахлдори нуқтаи автоматикии пуркунандаи сӯзишворӣ;

- оид ба мавҷуд набудани қарзи андозҳо дар назди буҷети давлатӣ.

10. Шахсони ҳуқуқӣ барои пуррагӣ ва дурустии ҳуҷҷатҳо ва маълумоти тавассути модули хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» дар шакли электронӣ пешниҳодшуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

11. Баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 8 ва 9 Тартиб пешбинишуда воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ дар маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманди он ба ҳисоб гузошта шуда, бо тасдиқнома дар бораи додани рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ таъмин мегардад.

12. Аз ҷониби мақомоти андоз рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ ба андозсупоранда дода шуда, танҳо дар асоси муроҷиати хаттии андозсупоранда бо пешниҳоди ариза ва (ё) ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузории андоз, аз ҷумла пешниҳод нагардидани ҳисоботи андоз, бекор ва тавассути модули хизматрасонии «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» ба шахси ҳуқуқӣ огоҳинома оид ба бекор шудани рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ ирсол карда мешавад.

## 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

13. Шахсони ҳуқуқӣ ва воҳидҳои алоҳидаи онҳо барои вайрон кардани муқаррароти Тартиб ва ғайриқонунӣ фаъолият намудани воҳиди алоҳида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

14. Сарраёсатҳо, раёсатҳо ва дигар воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз барои риоя накардани талаботи Тартиб ҷавобгар мебошанд.